«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода», номзади илмҳои филологӣ, дотсент
_____________ Назарзода М. М.
«22» ___08_____ соли 2025.

## ТАҚРИЗИ МУАССИСАИ ПЕШБАР

**ба диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» ба бандҳои 5-6-уми шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат мекунад.

Дар замони ҷаҳоншавӣ, рушди бесобиқаи технологияҳои иттилоотӣ ва таваҷҷуҳи рӯзафзуни аҳолӣ ба шабакаи интернетӣ ба таҳқиқ кашидани мавзуи публитсистикаи муосири тоҷик дар муҳаққиқии доктори илмҳои филологӣ, профессор Асадулло Саъдуллоев айни муддао ба шумор меравад. Зеро публитсистика ҳамчун самти эҷодӣ ҳамеша воқеоти замони муосирро ҳақиқатнигорона инъикос карда, ҳамчун василаи таърихнависии замон нақши муҳим ва асосиро доро мебошад ва дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон боз ҳам ба аҳамияти муҳим доро гашта, ҳеҷ вақт ин мавзуъ аҳамияти назариявию амалии худро гум нахоҳад кард.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Фаъолияти Асадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқ серсоҳа буда, дар самти адабиёт, журналистика ва публитсистика таҳқиқотҳои арзишманде ба анҷом расонидааст. Муаллиф тавассути асарҳои таълифнамудааш мавзуъҳои муайянеро бозгӯ намудааст, ки бар нафъи илми журналистика мебошад. Бо ин ҷиҳатҳои

муҳимми насри мустанад, публитсистика ва журналистика баррасӣ гардидааст.

Дар маҷмуъ, бо фаъолияти қариб панҷоҳсолаи худ профессор А. Саъдуллоев беш аз 30 асари илмӣ ва ҳудуди 280 мақолаҳои илмиро таълиф намудааст. Фаъолияти муҳаққиқии ӯ аз солҳои 60-уми асри XX, бо нашри аввалин тақризҳо дар матбуоти даврӣ оғоз мешавад. Омӯзиши фаъолияти гуногунҷабҳаи Асадулло Саъдуллоев имконияти онро медиҳад, ки ба публитсистикаи муосири тоҷик аз чанд тараф назар афканем. Чун номбурда ҳам муҳаққиқ ва ҳам бевосита публитсист буд, пажӯҳиши асарҳои ӯ нозукиҳои публитсистикаи замони муосирро бароямон мекушояд. Аз ин рӯ, таҳқиқи публитсистикаи профессор Асадулло Саъдуллоев аз **мавзуъ ва масоили мубрами** илми журналистика ба ҳисоб рафта, интихоб ва ба пажӯҳиш кашидани мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» аз тарафи унвонҷӯ Сироҷзода Нигина Раҷаб муҳим ва саривақтӣ ба шумор меравад.

**Дараҷаи асосноккунии гузоришҳои илмӣ, хулосаю пешниҳод, ки дар диссертатсия оварда шудаанд**. Таҳқиқ ва маводи гирдоваришуда унвонҷӯро ба ин натиҷа расонидааст, ки истифодаи гузоришҳои илмӣ ва натиҷаҳои бадастомада дар ҷараёни таҳқиқ ва таълиму тадриси рӯзноманигории тоҷик, махсусан, публитсистикаи муосири тоҷик бисёр пураҳаммиятанд. Хулосаю пешниҳодҳои довталаби дараҷаи илмӣ натиҷа ва бардошт аз баррасии масъалаҳои дар бобу фаслҳои рисола матраҳшуда буда, асос ва ҷанбаи хуби илмӣ доранд.

**Навгонии илмии таҳқиқ ва саҳеҳии натиҷаҳои гирифташуда**. Навгонии кори диссертатсионӣ, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мешавад, ки бори нахуст дар журналистикаи тоҷик мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» мавриди таҳқиқ қарор гирифта, масъалаҳои мартуб ба омилҳои пайдоиш ва ташаккули ин мавзуъ баррасӣ шудаанд.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия** дар он аён аст, ки пажӯҳиши масъалаҳои баррасишаванда дар ҷараёни таҳқиқии унвонҷӯ нисбати омӯхтани масъалаҳои публитсистикаи муосири тоҷик муайян ва мушаххас мегардад. Инчунин то андозае нуктаҳои норавшани публитсистикаи муосири тоҷикро шарҳ дода, холигие, ки дар ин марҳила мавҷуд аст, пур карда шудааст.

Аҳаммияти амалии кори диссертатсионии мазкур дар он зоҳир меёбад, ки аз маводи диссертатсия, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он метавон дар навиштани мақола, таълифи диссертатсияҳои илмӣ,

таҳқиқи масъалаҳои ҷудогонаи журналистикаи тоҷик, таълифи китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрантҳо, аспирантон ва унвонҷӯёни факултетҳои журналистикаи донишгоҳу донишкадаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти махсуси журналистӣ истифода намуд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, дурустӣ ва асоснокии натиҷаҳои таҳқиқ.** Натиҷаҳои таҳқиқи диссертатсионии Сироҷзода Нигина Раҷаб аз чанд ҷиҳат эътимоднок буда, пеш аз ҳама, дар заминаи ҷустуҷӯ, нақду баррасӣ, муҳокимаю мубоҳиса ва дар асоси далелҳо ба натиҷаҳои мушаххас расидани ӯ зоҳир мешаванд. Кори таҳқиқии мавриди назар бо барномаҳои илмӣ пайванди қавӣ дошта, дар ҳар фаслу зерфасл ва бобу дигар бахшҳои диссертатсия баҳсҳои хуби илмӣ ва натиҷагириҳои асоснок ба мушоҳида мерасанд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда низ асоси илмӣ дошта, натиҷаҳои пажӯҳиш ба шакли ҷамъ дар 10 банд пешниҳод шудаанд, ки боэътимоду асосноканд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Саҳми шахсии унвонҷӯ дар омӯзиш ва таҳқиқи мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» дар ҷамъоварии маводди назариву амалӣ, омӯзиш ва натиҷагирӣ аз таҳқиқотҳои илмии олимони соҳа, фарогирӣ ва муқоисаю баҳрабардорӣ аз назариёти олимони ватаниву хориҷӣ, омода намудани мақолаю маърузаҳо доир ба мавзуи мазкур зоҳир мегардад. Пажӯҳиши баанҷомрасида маҳсули заҳмати чандсолаи диссертант буда, ниҳоят дар шакли диссертатсия ба анҷом расидааст.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ дар маҷаллаҳои тақризшаванда**. Муҳтавои асосии диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб ва бардошту натиҷагириҳои ӯ аз таҳқиқи мавзуи мавриди назар дар 7 мақолаи илмӣ инъикос ёфтааст, аз ин теъдод 4 мақолаи довталаби дараҷаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда интишоршуда муҳтавои асосии бобу фаслҳои диссертатсияро фаро гирифтаанд.

**Арзёбии мазмуни диссертатсия ва дараҷаи ба итмом расидани он.**

Осори профессор Асадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик, ки дар диссертатсия таҳлилу арзёбӣ гардидаанд, нишонгари он аст, ки таҳқиқ ба таври шоиста анҷом дода шуда, бахши асосии он ҳангоми шарҳу баёни мафҳуму истилоҳоти марбут ба масъалаҳои публитсистикаи муосири тоҷик маводди қобили мулоҳиза мебошад.

Ба таври умум, омӯзиши осори профессор Ассадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик дар шинохту маърифати масири эҷодӣ ва ҷойгоҳи ӯ дар публитсистикаи муосири тоҷик пураҳаммият мебошад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, 3 боб, 9 фасл, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ, рӯйхати адабиёт ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия таркиб ёфта, ҳаҷми умумии кор 167 саҳифаи чопӣ компютериро фаро мегирад.

Дар **муқаддимаи** диссертатсия мубрамияти мавзуи таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва предмети таҳқиқ, асосҳои методологӣ ва сарчашмаҳои он, равишҳо ва навгониҳои таҳқиқ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарию амалии таҳқиқ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тавсиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва ғайра ба таври муфассал нишон дода шудаанд.

**Боби якуми** диссертатсия «**Назаре ба ҳаёт ва зиндагиномаи профессор А. Саъдуллоев**» ном дошта, таҳқиқи ин масъала дар се фасл анҷом дода шудааст. Фасли якум **«Мухтасари зиндагиномаи А. Саъдуллоев»** унвон дошта, дар он тарҷумаи ҳоли Асадулло Саъдуллоев баррасӣ гардидааст. Дар фасли дуюми ҳамин боб- «**Фаъолияти рӯзноманигории А. Саъдуллоев**» ба таҳқиқ кашида шуда, унвонҷӯ баъди омӯзиш ба хулосаи дуруст омада, қайд мекунад, ки матбуот танҳо эҷодкорони ҳақиқиву варзидаро ба дараҷаи публитсист мерасонад, ки Асадулло Саъдуллоев аз шумори онҳост. Фасли сеюми боби якум- **«Фаъолияти омӯзгорӣ»** унвон гирифта, дар он диссертант баъди пажӯҳиш қайд менамояд, ки дар кори пурбаракати 50 солаи омӯзгории профессор Асадулло Саъдулоев, фаъолияташ дар телевизиону матбуот кумакрасонаш буданд. Ӯ ҳамчун омӯзгор медонист, ки журналистонро чи гуна тарбия намудан лозим аст.

**Боби дуюми** диссертатсия **«Таҳқиқи публитсистикаи муосир дар осори А. Саъдуллоев»** низ аз се фасл иборат мебошад. Дар фасли якум- **«Таҳқиқи масъалаҳои назарӣ дар публитсистикаи муосири тоҷик»** унвонҷӯ бо таҳқиқи осори илмии профессор А. Саъдуллоев, ки кори номзадӣ ва ҳам докториаш пурра ба публитсистикаи муосири тоҷик бахшида шудааст, ба хулосаи дуруст омада, таъкид мекунад, ки корҳои илмии А. Саъдуллоев ба маънии пурраш ба пажӯҳиши публитсистикаи тоҷик бахшида шудааст. Фасли дуюми боби дуюм- **«Проблемаҳои рушди**

**публитсистикаи тоҷик»** диссертантро ба чунин хулоса овардааст, ки А. Саъдуллоев дар осори илмии худ бобати нуқсону костагиҳое, ки адибони мо баъзан нусхабардориву суратгири рӯйдодҳои муҳими ҳаёти ҷомеа мегарданд, проблемаҳои публитсистикаи тоҷик ба ҳисоб меравaнд. Фасли сеюми ҳамин боб - «**А. Саъдуллоев ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода**» ба таҳқиқи публитсистикаи Мирзо Турсунзода бахшида шудааст. Унвонҷӯ баъди таҳқиқ ба хулосаи дуруст омада, таъкид мекунад, ки қадамҳои нахустини А. Саъдуллоев дар мавзуи таҳқиқи публитсистикаи тоҷик аз пажӯҳиши публитсистикаи Мирзо Турсунзода оғоз ёфта, минбаъд идомаи худро ёфтааст.

**Боби сеюми диссертатсия «Мактаби илмии А. Саъдуллоев»** низ мисли ду боби аввала дар се фасл мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар фасли якуми боби сеюм- **«Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев»** ва фасли дуюми ҳамин боб **«Мактаби илмии А. Саъдуллоев дар таҳқиқи журналистика»** мактаби илмии профессор А. Саъдуллоев ба таҳқиқ кашида шудааст. Зери роҳбарӣ ва мактаби илмии А. Саъдуллоев 15 нафар диссертатсияи номзадӣ ва 3 нафар рисолаи докториро муваффақона ҳимоя намудаанд. Фасли сеюми боби сеюм- **«Таснифоти мухтасари осор»** унвон дошта, ба таҳқиқи мухтасари осори илмии профессор Асадулло Саъдуллоев  бахшида шудааст. Диссертант баъди омӯзиш, таҳлил ва баррасӣ ба хулосаи дуруст омада, бобати осори илмии Асадулло Саъдуллоев чунин мегӯяд: «Профессор А. Саъдуллоев дар маҷмуъ муаллифи беш аз 50 асарҳои публитсистиву илмиву таълимӣ аст. Мавриди зикр аст, ки дар аксар дастуру воситаҳои таълимӣ махсусиятҳои илмӣ низ ба назар мерасанд, ки гувоҳи тавъам будани фаъолияти илмиву таълимии муҳаққиқ аст»[диссертатсия, с.134-135].

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестасионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Хулосаҳо ва натиҷагириҳои унвонҷӯ дар 10 банд манзур гардида, онҳо натиҷаи ковишу баррасиҳои пурвусъати ӯст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда, агар, аз як тараф, паҳно ва вусъати баррасии мавзуъро  нишон диҳад, аз ҷониби дигар, баёнгари сатҳи хуби илмии ин кор мебошад. Инчунин, ин нуктаро баҳсҳои диссертант бо муҳаққиқони ватанию хориҷӣ дар заминаи рӯзноманигорӣ собит месозад. Диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мутобиқат мекунад.

Автореферати диссертатсия ва маводди нашрнамудаи муаллиф фарогири муҳтавои асосии диссертатсия буда, 4 номгӯйи он дар

маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расиданд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб бо дараҷаи илмӣ.** Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» ба талаботи бандҳои 31,33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти рақами № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор мебошад. Илова бар ин, лаёқати хуби илмии диссертант қобили таваҷҷуҳ буда, фаъолият ва таълифоти илмии ӯ бевосита ба самти рӯзноманигорӣ иртибот ва мувофиқат мекунанд.

**Эродҳо ва ҳолатҳои баҳсталаб доир ба диссертатсия.** Дар кори диссертатсионии тақризшаванда дар баробари комёбиҳои илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо аз манфиат холӣ нахоҳанд буд:

1. Ба андешаи мо, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ислоҳталаб мебошад. Унвонҷӯ дар умум лаҳзаҳои зиндагиномаи профессор Асадулло Саъдуллоевро қариб дар ҳама фасли бобҳои диссертатсия истифода бурдааст. Ҳол он ки фасли якуми боби аввали диссертатсия унвони «Мухтасари зиндагиномаи А. Саъдуллоев»-ро дораду дар он зиндагиномаи А. Саъдуллов гуфта шудааст, дар дигар фаслҳо овардани он зарурат надорад.

2. Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия- «Проблемаҳои рушди публитсистикаи тоҷик» ва фасли сеюми ҳамин боб- «А. Саъдуллоев ва таҳқиқи публитсистикаи М. Турсунзода»-ро якҷоя намуда, ба фасли нав зери унвонии «Профессор Асадулло Саъдуллоев муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик (солҳои 60-уми асри XX то нимаи аввали солҳои 20-уми асри XXI)» иваз намудан ба манфиати кори диссертатсионӣ хоҳад шуд. Зеро таҳлили проблемаву рушд ва таҳқиқи публитсистикаи тоҷик дар муқоиса бо фаъолияти муҳаққиқии профессор Асадулло Саъдуллоев дар ин марҳилаҳо бозгӯи ин мавзуъ хоҳанд гардид.

3. Ба назари мо, аз он сабаб ки мафҳумҳои публитсистика ва журналистика қариб ҳаммаъно мебошанд, дар боби сеюми диссертатсия низ агар фасли якум- «Таҳқиқи публитсистика дар мактаби илмии А. Саъдуллоев» ва фасли дуюми ҳамин боб- «Мактаби илмии А. Саъдуллоев дар таҳқиқи журналистика»-ро якҷоя намуда, бо фасли нав зери унвони «Таҳқиқи публитсистика ва журналистика дар мактаби илмии профессор

Асадулло Саъдуллоев» иваз карда шавад, мантиқан номгузории фаслҳо ва пажӯҳиши мавзуи таҳқиқшаванда ба мақсад мувофиқ хоҳанд шуд.

4. Дар таълиф ва таҳияи диссертатсия унвонҷӯ дар баробари услуби илмӣ ба услуби публитсистӣ такя намудааст, ки он ба ислоҳ ниёз дорад.

5. Дар саҳифаҳои алоҳидаи диссертатсия: 29, 51, 82, 100, 120, 144 ва 161 ғалатҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо ба манфиати диссертатсия хоҳанд шуд.

Кабудиҳои зикргардида ҷузъӣ буда, дар умум, арзиши илми кори пажӯҳишии мазкурро халалдор намесозанд. Зеро диссертант вазифаҳои дар назди худ гузоштаашро дар сатҳи лозимӣ ба анҷом расонидааст. Аз диссертатсияи номзадии тақризшаванда маълумоти мушаххаси илмию амалии асоснок ва далелҳои ҷолибро дар мавзуи публитсистикаи муосири тоҷик дарёфт намудан мумкин аст. Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ буда, онро дастоварди тоза дар журналистикаи тоҷик муаррифӣ намудан имконпазир мебошад.

Автореферати диссертатсия тибқи тартиби муқарраргардида барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар сатҳи зарурии илмӣ анҷом ёфта, аз ҷиҳати мазмун ба талаботи мавҷуда мутобиқ мебошад.

**Хулосаи умумӣ оид ба диссертатсия.** Хулоса, диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» бо муҳиммияти мавзуъ, навгониҳои илмӣ, арзиши назарию амалӣ ва вусъати пажӯҳиши масъалаҳои ба миён гузошташуда ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба пуррагӣ мувофиқ буда, муаллифи он ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Тақризи муассисаи пешбар дар асоси муқаррароти бандҳои 76-79 ва 81-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, № 267 тасдиқ гардидааст, таҳия ва пешниҳод шудааст.

Тақриз аз ҷониби доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи телевизион ва радиошунавонии МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин омода гардида, дар ҷаласаи кафедраи мазкур санаи 27-уми августи соли 2025 муҳокима ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласаи кафедра иштирок доштанд: 7 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор – 7 нафар, зид – «нест», бетараф – «нест».

Суратҷаласаи № 1, аз 27.08.2025.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсент,
мудири кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» Галимова Моҳинур

**Эксперт:**
доктори илмҳои филологӣ, профессори
кафедраи журналистикаи телевизион
ва радиошунавонии МДТ
«Донишкадаи давлатии фарҳанг
ва санъати Тоҷикистон ба номи
Мирзо Турсунзода» Муъминҷонов Зулфиддин

**Котиби илмии ҷаласа:**
доктори фалсафа (PhD) аз рӯйи
ихтисоси рӯзноманигорӣ, муаллими
калони кафедраи журналистикаи
телевизион ва радиошунавонии
МДТ «Донишкадаи давлатии
фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи Мирзо Турсунзода» Мулоева Нишона

**Имзоҳои М. Галимова, З. Муъминҷонов ва Н. Мулоеваро тасдиқ мекунам:**
сардори раёсати кадрҳои МДТ «Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода» Ҳамидова Зарина

**Суроғаи муассисаи пешбар:**
734032, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад, 73а.
Телефон: (+992 37) 231- 45- 45. E-mail: www.ddst.tj

28 августи соли 2025